# Ҳамроҳ бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) будам ва он ҳазрат ба зуболадони қавме рафт ва онҷо истода пешоб кард

Аз Ҳузайфа (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳ бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) будам ва он ҳазрат ба зуболадони қавме рафт ва онҷо истода пешоб кард. Пас аз ӯ каме канор рафтам. Он Ҳазрат фармуданд: "Наздиктар биё", пас ба ӯ наздик шудам, то ҷое, ки пушти пойҳои эшон будам, таҳорат кард ва бар маҳсиҳояш масҳ кашид.
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Ҳузайфа ибни Ямон (разияллоҳу анҳумо) хабар медиҳад, ки ҳамроҳи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) буданд, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) қасди қазои ҳоҷат карданд ва вориди партобгоҳи қавме шуданд, яъне ҷое, ки мардум партовҳо ва руфташудаҳои хонаҳоро меандозанд. Бинобар ин дар онҷо истода пешоб карданд, дар ҳоле ки одаташон ин буд, ки одатан нишаста ин корро мекарданд. Пас Ҳузайфа худро аз ӯ дур гирифт, аммо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ гуфт: Наздиктар биё, Ҳузайфа ба ӯ наздик шуд, то ин ки пушти пойҳои эшон истод, то ин ки мардум Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар ин ҳол набинанд. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) таҳорат кард ва ҳангоми шустани пойҳо бар маҳсиҳояш масҳ кашид. Масҳӣ, навъе аз мӯза аст, ки аз чарми тунук сохта мешавад ва ду устухони барҷастаи ду тарафи пойро мепӯшонад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онҳоро набаровард ва бар болояшон масҳ кашид.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3075